Ин оташи шумо бахше аз ҳафтод бахши оташи дӯзах аст

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармудаанд: "Ин оташи шумо бахше аз ҳафтод бахши оташи дӯзах аст". Гуфтанд: эй Расули Худо! Ҳамин оташи дунё худ басанда аст. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: "Гармии он шасту нуҳ баробар бештар аз ин оташ аст, ки гармии ҳар яки он ба андозаи ин оташ аст"

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) хабар додааст, ки оташи дунё танҳо як бахше аз ҳафтод бахши оташи дӯзах аст, қуввати гармии оташи дӯзах шасту нуҳ баробари дигар бештар аз гармии оташи дунё аст, ки ҳар як қисмати он баробари гармии оташи дунё аст. Гуфтанд: эй Расули Худо! Ҳамон оташи дунё барои касоне, ки вориди дӯзах мешаванд худ басанда аст. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: гармии оташи дӯзах шасту нуҳ маротиба бештар аз оташи дунё аст, ки гармии ҳар як қисмати он баробар ба оташи дунё аст.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65036